**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмии аввал Мирзоев Ғ.Ҷ. – доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафаи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба рисолаи доктории Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илмие, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Рисолаи илмии Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09. 00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пешниҳод шудааст, ба таҳқиқ ва омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳим, рӯзмарра ва ҳассосӣ фазои иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман минтақаю ҳама ҷомеаҳои мусулмоннишин, яъне пайдоиш ва паҳншавии ҳаракати салафияи муосир, ҳамчун ҳаракати ифротию экстремистӣ бахшида шудааст. Омӯзиши моҳият ва хусусияти ин ҳаракат дар асоси дастгоҳи категориалии фалсафаи дин ва диншиносӣ имконият медиҳад, ки маълумот ва дониши илмиву воқеӣ дар бораи ин падида ҳосил карда шавад. Бо таъкиди худи муаллиф яке аз хатарҳое, ки нисбат ба амнияту суботи кишвар ва истиқлолияти давлати Тоҷикистон вуҷуд дорад, ин паҳншавии афкори бегонаи такфирӣ-ҷиҳодии зиддимиллию зиддитамаддунии ҷараёни салафияи муосири ифротӣ мебошад. Хатари салафияи ифротӣ нисбат ба давлати миллии дунявии Тоҷикистон дар он аст, ки бо пуштибонии қудратҳои ҷаҳонию минтақавие, ки дар Тоҷикистон манфиати геосиёсӣ доранд, он дар зери парчами бозгашт ба “исломи ноб”, яъне исломи замони ба ном “салафи солеҳин”, ки хилофати исломиро эҳё кардан мехоҳанд ва бар зидди низоми давлатдориҳои миллию дунявӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, мубориза мебаранд, мебошад. Дар ин робита таҳлили илмии салафия танҳо таҳлили як мазҳаби

исломӣ нест, балки он таҳлили арабгароии исломӣ низ мебошад. Бо вуҷуди муҳим буданаш, мутаассифона, то ба ҳол таълимоту амалияи ин ҷараёни мазҳабӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Имрӯз, вақте ки сухан дар бораи ифротгароии салафӣ меравад, беихтиёр баҳс дар атрофи як таълимоти динӣ, идеологияи динӣ –сиёсӣ ва сиёсати он давлатҳои арабӣ, ки идеология расмии онҳо ваҳҳобия аст, сурат мегирад. Ин нуктаи назари муаллиф вобастагии мавзуи таҳқиқотро бо ихтиссоси ҳимояшаванда собит месозад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Рисолаи мазкур маҳз ба таҳқиқи решаҳои таърихию ақидатии пайдоиш ва дар марҳилаҳои дигар, масалан дар замони муосир, рушд кардани ҳаракати салафия бахшида шудааст, ки аз мубрамият ва афзалияти худи мавзуъ шаҳодат медиҳад. Зеро раванди тағйиротҳои сиёсӣ–иҷтимоӣ ва мафкуравие, ки тайи солҳои охир дар тамоми дунё ва дар минтақаи мо бо суръат ҷараён мегиранд, аз муҳаққиқон ва таҳлилгарони соҳа таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва ҳаматарафаро ҷиҳати дуруст омӯхтан ва равшан намудани ҳама паҳлуҳои онҳо талаб менамояд. Дар ин самт дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои мусулмоннишин нақш ва омили ҷаҳонбинии динӣ ва таълимотҳои мухталифи динӣ – мазҳабӣ ва ақидатӣ ниҳоят фаъол мебошад. Ин таълимотҳо гоҳҳо равшан ва гоҳҳо пардапӯшонаю пинҳонӣ амал намуда, тарафдорони зиёдеро ҷалб менамоянд ва эҳтимолияти ба ҳодисаҳои иҷтимоию сиёсии кишварҳои номбурда таъсири ҷиддӣ расониданро дар худ нигоҳ медоранд.

Яке аз ин ҳаракатҳои фикрию – ақидатӣ, ки дар муҳити ҷомеаҳои мусулмоннишини Осиёи Марказӣ ва аз он ҷумла дар Тоҷикистон, бо вуҷуди тамоми муқовимат ва пешгирии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатӣ фаъолияти пардапӯшонаи худро бо усулу шеваҳои ба худаш хос идома медиҳад ва ба суботи минтақа хатар эҷод мекунад, ин ҳаракати салафияи муосир мебошад. Салафигароиро то андозае агар идомаи шаклӣ ва мафкуравии ҳаракати ваҳҳобия маънидод кардан мумкин бошад, вале он дар худ баъзе нишонаҳои умумӣ ва фарқкунанда бо ҳизбу ҳаракатҳои

“Ҳизб-ут-таҳрир “, “Ансор- ул- лоҳ”, “Ҷамоати таблиғ” ва ғайраҳоро доро мебоша. Дар мавриди хусусият ва асли моҳияти салафигарої ҳанӯз пештар ҳам корҳои таҳлилї –таҳқиқотї гузаронида шуда, паҳлуҳои асосии он ошкор шуда буданд. Масалан, муҳаққиқи исломшиноси рус З.И. Левин хеле барвақт дар чанд таҳқиқоташ ва аз он ҷумла дар рисолааш «Ислоҳот дар ислом: шуданї ё шуданї нест?» дар ин маврид андешаашро баён намуда, салафигароиро як кӯшиши ба исломи ибтидої баргаштан маънидод намудааст. Ӯ дар ин хусус зикр менамояд, ки салафигарої аз ҳамон андешаҳои бунёдгароии исломї об мехӯрад ва ҳадафаш бозгардонидани дигар ҷомеаҳову фарҳангҳо ба ҳамон дидгоҳҳои фарҳанги арабї мебошад. Вале ин падида дар муҳитҳои гуногун бо шаклу шеваҳои ба худ хос баромад мекунад. Дар фазои кишварҳои Осиёи Марказї ва Тоҷикистон салафигарої ҳамчун ошно намудани эътиқодмандон ба исломи асил, ки аз инҳирофу бидъат гӯё онҳоро ҳифз мекарда бошад, фаъолияти худро шурӯъ карда буд. Қайд намудан лозим аст, ки ҳаракати салафияи муосир гарчи дар ибтидо моҳияти аслии худро ошкор насозад ҳам, хатараш ба муҳити иҷтимої- фарҳангї ва ҳамчунин ба суботи ҷомеа на камтар аз ҳар гуна ҳаракатҳои характери сиёсї доштаи ифротї мебошад.

Ба таври умум, салафигарої ва намояндагони ин ҷараён чун дигар ҳаракатҳои мазҳабї фаъолияташонро зери ниқоби баланд бардоштани дониш ва маърифати динии эътиқодмандон шурӯъ намуда, онро бо усул ва шеваи ғайриаъанавї ба роҳ мемонанд. Адабиёт ва сарчашмаҳои милливу ватанї ва инчунин мазҳабии гузаштагони минтақаро ғайриқобили қабул ва беэътимод ба қалам медиҳанд. Ба таълимот ва андешаҳои ақидатии рӯҳониёни суннатї ба таври ревазионистї муносибат менамоянд. Муҳит ва фазои динии минтақаро аз назари худ гӯё бо меъёрҳои исломї номувофиқ ва нокомил арзёбї менамоянд. Омилҳои таърихї, фарҳангї ва миллиро, ки дар ташаккулёбии зеҳнияти мазҳабии мардуми маҳалї нақш ва ҷойгоҳ доранд, инкор ва рад менамоянд. Ба таври кул, фаъолияти ин гурӯҳҳоро як намуд аз сари нав

исломисозии (дар истилоҳи илмии русӣ – реисламизация) аҳолии минтақа бар асоси фарҳанг ва арзишҳои арабӣ маънидод кардан мумкин аст. Инчунин, хатари таълимоти салафия барои Тоҷикистон дар он зоҳир мешавад, ки паҳншавии ин гуна ҳаракат метавонад, мувозинати ақидатию идеологиро вайрон намуда, заминаро барои ихтилофҳои оянда, аз он ҷумла ихтилофҳои иҷтимоию сиёсӣ фароҳам созад. Сониян, зуҳур ва паҳншавии ин ҷунбиши ақидатӣ мубориза ва рақобати дохилидинро барои тақсим ва густариши доираи нуфузи руҳониёни маъруф, мулло ва муллоҳои навбаромад, ходимони гуногуни дин, ки дар байни диндорон мавқеи мухталифро доранд ва ғайраҳо ба нуқтаи аълояш расонида, дар ин муҳит боиси пайдо шудани гурӯҳу ҳалқаҳои нави ақидатӣ мешавад. Онҳо пеш аз ҳама рақиби аслии худро дар симои рӯҳониёни суннатии минтақа, ки пойбанди ақоиди мазҳаби ҳанафӣ ва каломи мотридӣ мебошанд, мебинанд ва мубориза ғоявии худро ба онҳо чун бо рақиби потенсиалӣ мухотаб қарор медиҳанд. Ҳамзамон, муносибати пайравони ҷунбиши салафӣ бо намояндагони мазҳаби дигари анъанавии ҷомеаи тоҷик, яъне шохаи исмоилияи ташшайуъ, ки таърихан ҷузъи муҳити ҳам динӣ ва ҳам фарҳангии миллат аст, тамоман ғайри қобили қабул ва ғайритаҳаммул мебошад. Вале чун ба низоми ақидатӣ, шеваи фаъолият ва хостаҳои салафияи муосир ҳаматарафа ҳаматарафа таваҷҷуҳ мешавад, айён мегардад, ки онҳо аз вижагиҳои андеша ва ақидаи мазҳабии мардуми минтақаро тамоман сарфи назар мекунанд ва ҳадафашон на танҳо ғаризаҳои диниву эътиқодӣ, балки тавассути фазои мазҳабӣ ба муҳити фарҳангӣ ва аз он ҷумла муҳити иҷтимоӣ- сиёсии кишвар ва ҷомеа роҳ ёфтан мебошад. Аз ин рӯ, таҳлил ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногун ин падида, аз он ҷумла омилҳои пайдоиш, хатари он ба муҳити диниву фарҳангии мо, шеваи густариш ва усули фаъолияти ин ҳаракат ҷиҳати пешгирӣ намудан аз он барои ҷомеаҳои мусалмоннишини Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистони мо муҳим ва зарурӣ ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда** пеш аз ҳама дар он аст, ки дар рисола решаҳои таърихии пайдоишу паҳншавии таълимоти салафия муайян шуда, воситаҳои зуҳури он дар шароити имрӯза ҳаматарафа омӯхта шудаанд. Муаллиф таҳдиду хатар ва роҳу воситаҳои босамари муқовимат ва пешгирӣ аз онро ҳаматарафа нишон додааст. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда асосҳои воқеӣ ва реалиро доро мебошанд. Ин навгониҳо ва нуктаҳо бори аввал ва аз ҷиҳати илмию методологӣ ҳамаҷониба пурра ва асоснок карда шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола** дар он аст, ки хулосаҳои он метавонанд, барои муқовимат ва пешгирӣ аз паҳншавии ин падида дар Тоҷикистон ва умуман дар минтақа мусоидат намуда, барои қабули қарорҳои асосноки илмӣ ва амалӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ истифода шаванд. Инчунин, муассисаҳои таҳқиқотӣ ва омӯзишӣ метавонанд хулосаҳои онро дар кори таълимию тадқиқотии худ васеъ истифода баранд.

Маврид ба зикр аст, ки дар шакли рисолаи илмӣ мукаммал пешниҳод шудани мавзуи мазкур иқдоми муфид аст. Зеро он бисёр васеъ ва бисёрҷанба буда, аз муаллиф донишҳои амиқу чуқурро талаб мекунад. Муаллиф дар доираи чаҳорчӯбаи таҳқиқотии худ тавонистааст аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои илмии гузошташуда барояд.

**Мутобиқати барасмият дарории диссертатсия ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва талаботи КОА** дуруст буда, сохтори он бо тартиб ва низоми муайян ташкил шудааст. Дар муқаддима муаллиф зикр мекнад, ки дидгоҳҳои салафияи ифротиро имрӯз ақидаҳое ташкил медиҳанд, ки ҳамагӣ ба муқобили илму фалсафа, ҳунару зебоишиносӣ, озодандешӣ, арзишҳои фарҳанги миллӣ ва давлати миллию дунявӣ нигаронида шудаанд. Далели ин афзудани сафи пайравони гурӯҳҳои салафияи ифротӣ дар кишвар мебошад. Барои аз ин падидаи номатлуби зиддимиллӣ ва зиддитамаддунӣ

пешгирӣ кардан, таҳқиқи ҳаматарафаи он ногузир мебошад. Ҳадафи рисолаи мазкур низ баррасии илмии ҳамаҷонибаи ин масъала, нишон додани моҳияти иртиҷоии таълимоти салафия, роҳҳои пешгирӣ аз паҳншавии он ва воситаю усулҳои кам кардани таъсири он ба ҷомеаи Тоҷикистон аст.

Дар боби аввал – "Салафия дар ибтидои таърихи ислом" муаллиф асли баромади истилоҳи "салаф" ва таҳаввули таърихии он дар фарҳанги исломӣ, робитаи ин падида бо одатҳои тоисломии арабҳо, кӯшишҳои баъдинаи гурӯҳҳои алоҳида барои баргаштан ба "исломи пок" ва ғайраро ба риштаи таҳқиқ кашида, хусусиятҳои таърихии онро дуруст равшан намудааст.

Дар боби дуюм, ки "Муборизаи салафия бо ақлгароӣ ва илму фалсафа" номгузорӣ шудааст, рақобати зотии ин падида дар матни таълимоти Ибни Ҳанбал, Ибни Таймия, андешаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ ва дигар хусусиятҳои он бо бинишҳои ақлонию мантиқии ҷомеа ва фарҳангҳо миллӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола – "Ваҳҳобия ва ҷунбиши бунёдгароӣ дар ҷаҳони ислом" масоили паҳншавии ифротгароиро дар ҷомеаҳои мусулмоннишин дар бар гирифта, робитаи онро дар асрҳои XVIII – XIX бо таълимоти салафия ҳамчун ҳаракати сиёсӣ-динии ифротии экстремистӣ-террористӣ дар бар гирифтааст.

Дар боби охири рисола, боби чорум, ки "Салафияи муосир: таҳдиду хатарҳои он" номида шудааст, муаллиф робитаи онро бо ҳаракатҳои террористию экстремистии динии муосир таҳлил карда, хатари онро дар ҳаёти динӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан намудааст ва роҳу воситаҳои муқовимат ва пешгирӣ аз паҳншавии ақидаҳои онро нишон додааст. Зикр намудан лозим аст, ки масъалагузории рисола мантиқона, тақсимбандии қисматҳои кор бо тартиб ва хулосаҳои ҳосилкардаи муаллиф муҳим ва аҳамияти назариявию амалиро доро мебошанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Қамар Нурулҳақ дар мавзуи: «Салафия: назария ва амалия» дар заминаи омӯзиши адабиёти зиёди илмию назариявӣ ва дигар маводҳои вобаста ба мавзуъ таҳқиқ ва таълиф

шудааст. Ин ҳама имконият додааст, ки муаллиф масъалаи гузошташударо ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор дода, хулоса ва тавсияҳои муҳим барои пешгирии ин падидаро дар Тоҷикистон ва умуман дар минтақа пешниҳод намояд.

Дар баробари муваффақияту дастовардҳои илмӣ рисола аз чанд эроду камбудиҳо низ холӣ нест, ки ислоҳи онҳо моҳият ва муҳтавои рисоларо ҷолибтар ва арзишашро баландтар мегардонид, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1.) Муаллиф дар рисолаи худ "салафия" – ро гоҳо чун мазҳаб (саҳ.4. ва дигар ҷойҳо низ), гоҳо чун ҷараён ё равия(саҳ.5.) ва гоҳо чун ҳаракати зидди мазҳабӣ (саҳ.9) номгузорӣ кардааст, ки ин чиз дар кори илмӣ ҷиҳати равшан намудани моҳияти объекти омӯзиш як тасаввуроти номуайянеро эҷод мекунад. Аз ин ҷиҳат, хуб мешуд, ки як истилоҳи муайяну мувофиқро дар маънидодкунии он яксон истифода мекард.

2.) Дар рисола хусусият ва шеваҳои паҳншавии таълимоти салафия ва хатари он бо давлатҳои миллӣ ҳаматарафа таҳлилу таҳқиқ шуда бошад ҳам, вале заминаву омилҳо ва сабабҳои ба осонӣ ба таври васеъ паҳн шудани таълимоти он танҳо дар баъзе ҷомеаҳои алоҳида, масалан дар ҷомеаи Тоҷикистон, ҳаматарафа таҳлил нашудааст. Зеро бе муайян кардани замина ва решаҳои паҳншавии ақоиди бегона дар як ҷомеаи дигар ҳар гуна муқовимату мубориза ба ин гуна таълимот сатҳӣ ва камсамар хоҳад буд.

3.) Дар рисола ба баъзе аз таҳқиқотҳое, ки дар доираи ихтисосҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, таърихи фалсафа ва ғайра низ иҷро шудаанд, итинод шудааст. Вале таҳқиқотҳое, ки доир ба ҳамин мавзуъ бевосита дар доираи ихтисоси диншиносӣ ва фалсафаи дин анҷом ёфтаанд, ба монанди китобу мақолаҳои Абдуллоев Ш., Зокиров Н. ва дигарон аз мадди назари муаллиф дур мондаанд.

4.) Дар усул ва сабки навиштани рисола хусусияти идеологиву сиёсӣ бартарӣ дорад.

Вале эроду камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аз диди мазмуну моҳият ва аҳамияти илмӣ арзиши диссертатсияро кам намекунанд ва барои беҳтару ҷолибтар шудани он ироа шудаанд.

**Хулоса**

Ҳамин тариқ, рисолаи доктории Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ кори илмии мустақилона иҷрошуда, ба анҷомрасида ва ҷавобгӯи тамоми талаботи илмии ихтисоси зикршуда мебошад.

Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои диссертатсияро дар бар мегиранд ва бо забони фаҳмою равшан таълиф ёфтаанд.

Дар асоси нуктаҳои дар боло овардашуда метавон хулоса намуд, ки рисолаи доктории Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14– Фалсафаи дин ва диншиносӣ дар доираи муқаррароти кори илмиву таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи КОА–и Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.14– Фалсафаи дин ва диншиносӣ мебошад.

Мудири кафедраи фалсафаи Раёсати
Академияи милли илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа Мирзоев Ғ.Ҷ.
Адрес: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, АМИТ 11.09.2024

E-mail: Gaffor-1964@mail.ru
Тел.: +992 93 505 66 56 (моб.)
+ 922 372 21 58 16

Имзои д.и.ф., мудири кафедраи фалсафаи АМИТ, Мирзоев Ғ.Ҷ. –ро тасдиқ мекунам.

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Т.

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН • НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ